Ғазаб накун

Аз Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки: Марде ба Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: маро насиҳат кун. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Ғазаб накун". Он мард чанд бор аз Паёмбар насиҳат хост, Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Ғазаб накун".

[Саҳеҳ] [رواه البخاري]

Яке аз саҳобагон аз Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) хост ӯро ба коре, ки манфиат бахшад роҳнамои кунад. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ба ӯ гуфт: "Ғазаб накун", яъне аз амалҳое, ки сабаби ба вуҷуд омадани хашму ғазаб мешавад дурӣ кунад, агар асабонӣ мешавад саъй кунад оташи ғазабашро фурӯ нишонад, то кор ба куштан, задан, дашном додан ва ғайра нарасад. Он мард чанд бор насиҳат хост, аммо Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) чизе ҷуз "Ғазаб накун" изофа нафармуд.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/4709